**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди**
**МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 26.04. с.2025, № 47*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ БОЕВ ШАҲОБИДДИН РАҶАБАЛИЕВИЧ, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи **«Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ"**, дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №42 аз 15-уми феврали соли 2025 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, санаи 26-уми майи соли 1986 дар деҳаи Қулпистаи ноҳияи Рӯдакӣ  ба дунё омадааст. Ӯ факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраевро соли 2009 аз руйи ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ ва мусиқӣ хатм намудааст.

Аз соли 2006-ум фаъолияти омӯзгории худро, аз сабаби дар мактабҳо нарасидани омӯзгорон, ҳанӯз аз солҳои донишҷӯӣ, яъне аз соли 2006-ум оғоз намуда, то соли 2019-ум дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Рӯдакӣ ба ҳайси омӯзгори суруд ва мусиқӣ кор кардааст.  Аз соли 2019 фаъолияти таълимию-илмии худро дар кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ–бадеии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ба ҳайси ассистент оғоз кардасоли 2021 дар вазифаи муаллими калон ва аз 3-юми октябри соли 2022 то имрӯз ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ–бадеии факултети педагогикаи Донишгоҳимазкур фаъолият намуда истодааст.

Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич соли 2020 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳ (№№588-ОД аз 11.11.2020) дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии МДТ-и "ДДОТ ба номи С.Айнӣ" ба ҳайси унвонҷӯ қабул шуда, таҳқиқот ва таълифи диссертатсияи худро дар онҷо ба анҷом расонидааст.

**Роҳбари илмӣ – Хайруллоев Бахриддин** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**Муқарризони расмӣ:**

**- Латифзода Диловар Назришоҳ,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Муассисаи давлатии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов.

**- Рустамов Дадо Абдуҷаборович**, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих, маданият ва методикаи таълими мусиқии ба номи профессор Ҳакимов Н.Ғ.-и **МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** мебошанд.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат дода, муаллифи диссертатсия Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевичро шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои

педагогӣ) донистаанд.

**Муассисаи пешбар** – МДТ-и “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” таъйин шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 19.03.2025, суратмаҷлиси №03, ки он аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои география, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дотсент Қодиров Шарифалӣ Саидкулович мураттаб шуда, бо имзои ректори ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бӯрӣ тасдиқ шудааст, ба диссертатсия баҳои мусбат додааст. Муассисаи тақриздиҳанда аз он ҷумла қайд кардааст, ки: “Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба ташаккули салоҳиятҳои гуногуни хонандагон, аз ҷумла салоҳиятҳои иҷтимоӣ, коммуникативӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар он аст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ нигаронида шуда, онро ба таври самаранок таъмин менамоянд.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян мешавад. Маводи назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурдан мумкин аст”.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи корро дуруст муайян карда, пешниҳодҳои ҷолиб манзур намудааст, ки салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҳолати иҷрошавӣ ва риояи баъзе аз шартҳо самарабахш ташаккул меёбад. Аз ҷумла қайд шартҳои зерин муайян кардааст, ки агар нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ таҳлилу баррасӣ шуда, мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шавад; ба моҳият ва сохтори бозии мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ равшанӣ андохта шавад; шароити педагогии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шавад; самаранокии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври коркард ва ба таври озмоишӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад ва ғайра

Гузашта аз ин саҳми илмии унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар он дида мешавад, ки ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ бевоситаи аз ҷониби ӯ гузаронида шуда, банақшагирӣ, интихобу асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани мақсаду вазифа, объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии хулосаву натиҷаи таҳқиқот, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ инъикоскунандаи маҳорати илмии унвонҷӯ ва дорои сифатҳои таҳқиқотчигии ӯро собит месозад.

Мавзуи илмии интихобнамудаи унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин, дар ҳақиқат, дар илми педагогикаи муосири мо муҳим ва актуалӣ мебошад. Зеро дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ, истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба ташаккули салоҳияти маърифатӣ (донистани нотаҳо, созҳои мусиқӣ, жанрҳои мусиқӣ), салоҳияти коммуникативӣ (ифодаи эҳсосот ва андешаҳо тавассути мусиқӣ, ҳамкорӣ дар гурӯҳ), салоҳияти иҷтимоӣ (эҳтиром ба ақидаҳои дигарон, қабул ва дарки фарҳангҳои гуногуни мусиқӣ) ва салоҳияти шахсӣ (рушди худбаҳодиҳии мусбат, қадршиносӣ ба ҳунари мусиқӣ) мусоидат мекунад ва гуфтан мумкин аст, ки хеле таъсиргузор мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат

медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълиму хонандагон бешубҳа мусоидат хоҳад кард.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки мукаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ марбут ба мавзуи таҳқиқот ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқикот анҷом ёфтаанд. Инчунин асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич ягон шубҳаангез набуда, боэътимод ва боварибахшанд. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нукоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамчунин ташхисгар автореферати диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, онро ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро мувофиқи қоида ва талаботу меъёрҳои Низомнома медонад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй низ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд.

Эксперти диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои таҳқиқот инчунин 4 камбудии корро ҳамчун эрод баён дошта, дар оянда ислоҳи онро мувофиқи матлаб медонад. Бо вуҷуди ин эксперт таъкид кардааст, ки камбудӣ ва норасоиҳои мавҷудбуда арзиши илмии диссертатсияи тақризшавандаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҷанбаи илмии рисола устувор, муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз сарчашмаҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Ҳамзамон автореферати диссертатсия ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ буда, инчунин ба талаботи бандҳои 32-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Мақолоти илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

**А) Мақолаҳое, ки дар нашриҳои тақризии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Боев Ш.Р. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳияти эҷодии синфҳои ибтидоӣ /Ш.Р. Боев [Матн] // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2022, №2(38). – С. 140-145). ISSN 2617- 5620.

[2-М]. Боев Ш.Р.Нақши бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ / Ш. Р.Боев [Матн ] // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2023, №3(43). - С. 215- 219. ISSN 2617- 5320

[3-М]. Боев Ш.Р., Хайруллоев Б. Нақши машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ /Ш.Р. Боев, Б. Хайруллоев[Матн] // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2023, №2(42). - С. 224- 230. ISSN 2617- 5620.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

[4-М] Боев Ш.Р. Шароитҳои педагоги самаранокии ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар татбиқи барномаи"калейдоскопи мусиқӣ / Ш.Р. Боев [Матн] // Маҷмуаи маводи Конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи "Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имкониятошон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа" - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни, 2023. - С. 359-364.

[5-М] Боев Ш.Р.Мазмуни кор оид ба та шаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти бозии дидактикӣ-мусиқӣ тавассути дарсҳои суруд ва мусиқӣ / Ш.Р. Боев [Матн] // Маҷмуаи маводи Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалии таҳти унвони "Ҷанбаҳои педагогӣ-психологии тарбияи кӯдакон" - Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2023. – С. 115-119. ISBN 978 -99985-36-58-6

[6-М] Боев Ш.Р. Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ / Ш.Р.Боев [Матн] // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». - Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, 2022. - С. 40-45.

[7-М] Боев Ш.Р. Истифодаи бозиҳои дидиктикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидои / Ш.Р. Боев[Матн] // Маҷмуаи маводи Конфиеренсияи ҷумҳурияви илмию амалӣ дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир" Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2021. - С. 337- 343.

[8-М] Боев Ш.Р. Роҳҳои ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни иҷрои бозиҳои дидактикӣ мавриди истифода бурдани супоришҳои таъсирасонандаи омӯзгор /Ш.Р. Боев[Матн] // Маводи мизи мудаввар // Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни, 2022. - С.75-80

[9-М] Боев Ш.Р. Моҳият ва сохтори бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ / Ш.Р. Боев [Матн] // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир» - Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2022. С. 95-99.

[10-М] Боев Ш.Р., Маҷидов У. Самаранокии дарси суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ / Ш.Р. Боев, У. Маҷидов [Матн] // Маводи Конференсия ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир» - Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2022. - С. 188-192.

[11-М] Боев Ш.Р. Хайруллоев Б. Роҳои ташаккули завқи зебоипарастии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарси суруд ва мусиқӣ / Ш.Р. Боев, Б. Хайруллоев [Матн] // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Ҷанбаҳои педагогӣ-психологии тарбияи кӯдакон"// Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - 2023. – С. 50-52. ISBN 978 -99985-36-58-6.

[12-М] Боев Ш.Р., Хайруллоев Б. Мақсад ва ҳадафҳои тарбияи суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ // Ш.Р. Боев, Б. Хайруллоев [Матн] // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Ҷанбаҳои педагогӣ-психологии тарбияии кӯдакон // Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2023. – С. 320-322. ISBN 978 - 99985-36-58-6.

[13-М] Боев Ш.Р. Хайруллоев Б. Методикаи омӯзиши суруди “Чархи фалак” / Ш.Р.Боев, Б. Хайруллоев [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти // Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2023. – С. 270-272. ISBN 978-99985-865-5-0.

[14-М] Боев Ш.Р. Роҳҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимию донишандӯзии хонандагон / Ш. Боев [Матн] // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ таҳти унвони «Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир» // Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2021. – С. 277-281.

[15-М] Боев Ш.Р. Тарбияи суруд ва мусиқӣ дар мактаб /Ш.Р. Боев[Матн // Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Омода намудани мутахасисони техникӣ дар шароити саноаткунонии кишвар» // Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2020. – С. 156-158.

[16-М] Боев Ш.Р., Маҷидов У. Мақомхонӣ ва таърихи пайдоиши он // Ш.Р. Боев, У. Маҷидов [Матн] // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Фаъолияти психологӣ муассисаи таълимӣ мушкилот ва дурнамо” // Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2020. – С. 216-220.

[17-М] Боев Ш.Р. Шароити педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташкили бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ / Ш.Р. Боев [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ, 2022 - №3(13) – С. 203-208. ISSN 2708-5759.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

**Тақризи 1. Каримзода Мирзобадал** - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Хулосаи тақриз мусбат аст, тақриз эрод надорад.

**Тақризи 2. Қурбонова Гулрухон** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 3. Хайруллозода Баҳрулло** - номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои эҷодии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 4. Эмомов Исматулло Боронович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад, вале 3 нуктаро ҳамчун камбудии ҷузъии кор баён доштааст.

*1. Мавҷуд будани ғалатҳои имлоию техникӣ бештар дар риояи фонемаҳои и ва у, яъне и-дароз ва у-и дароз.*

*2. Баъзе бахшҳои автореферат, алалхусус дар қисмати муқаддимаи он: “Мубрамии мавзуи таҳқиқот, “Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ” аз ҷиҳати ҳаҷм васеътар буда, ҳаҷми якчанд бахши дигар маҳдудтар мебошад.*

*3. Масъалаҳои таҳқиқ асосан дар шароити мактабҳои шаҳр, ки имкониятҳои техникӣ, техналогӣ ва аёнии хуб доранд, баррасӣ шудааст. Хуб мешуд, ки оид ба маҳдуд будани шароитҳои техникию технлогии ташкили дарсҳои суруд ва мусиқӣ, ки дар мактабҳои деҳот махсусиятҳои худро дарад, ба таври муқоиса мулоҳизаронӣ мегардид.*

Дар умум, муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевичро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 15-уми феврали соли 2025, №42, тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст,

асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:*** Мазмун ва моҳияти мафҳуми нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ баррасӣ ва шарҳу тавзеҳ ёфтааст; тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол дар дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор ва муайян карда шудаанд; нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни баргузории дарсҳои суруд ва мусиқӣ амалан таҳлил шудаанд; маҷмуи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва озмоиши самаранокии онҳо дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мураттаб шудааст; бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишҳо тавсияҳои методӣ вобаста ба тарзу воситаҳои истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо мақсади рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард ва пешниҳод гардидааст.

***Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки аз натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки талаботи муносибати босалоҳият ба таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шуда, амалӣ карда шаванд. Дар омӯзиш муносибат ва равишҳои педагогӣ асоснок ва истифода карда шуданд, ки онҳо бо мақсади рушди маҳорату малакаҳои мусиқии бачагони хурдсол таҳия шуда, ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва, аз ҳама асосӣ, ба рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ нигаронида шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро тавсияҳои илмӣ-методии таҳия ва манзуршуда, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ нигаронида шудааст, ба таври самаранок таъмин менамоянд.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян мешавад. Маводи назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурдан ҷоиз аст.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз дар он аст, ки таҳлили назариявӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқотро, ки аз тариқи озмоиш татбиқу тасвиб ва самаранокии онҳо собит шудаанд, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баланд бардоштани сифат ва самаранокии чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ истифода баранд.

Илова бар ин маълумоти дар рафти таҳқиқот ба дастомадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон метавонанд истифода шаванд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд:***

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудаанд;
- дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун яке аз воситаҳои таълимии муҳим арзёбӣ шудааст;
- шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз он ҷумла, дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ таҳқиқ ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд;
- аҳаммияти истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол бо далелҳои қонеъкунанда собит шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот** бо заминаи назариявию

методологӣ, ки осори илмию педагогӣ ва психологиро дар бар мегирад; истифодаи маҷмуи методҳои якдигарро пурракунандаи раванди таълим, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд; истифодаи васеи сарчашмаҳо ва маводи гуногуни илмию оморӣ, таълимию методӣ ва маводе, ки якдигарро мукаммал ё дақиқ месозанд, ҳамчунин, тавассути татбиқи муносибати шахсиятӣ –иҷтимоӣ–фаъолиятӣ ба таҳқиқи раванди педагогӣ, истифодаи методҳои гуногуни эмпирикӣ ва назариявии таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷониба ва зина ба зина, натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардашуда ва тасвибу тасдиқи онҳо дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин гардидааст.

Ҳамзамон асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осори фалсафию ҳуқуқӣ, психологӣ, педагогӣ, тавассути истифодаи усули муқоисавӣ, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, **таъмин карда шудаанд.**

Илова бар ин натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишӣ аз тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ бар меоянд, ба даст омадаанд;

***Саҳми шахсии муаллиф***, пеш аз ҳама, дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба дастомада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

***Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад. Аз ҷумла ба бандҳои 3.2, 3.3 ва 3.5, инчунин ба бандҳои 4.1., 4.1.1., 4.1.2. ва банди 5.1. 5.1.1 ва бандҳои 7.1., 7.1.1. ва 7.1.5. мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати **11** нафар, аз он **6** нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ **11 нафар,**
муқобили додани дараҷаи илмӣ **“нест”,**
бюллетенҳои беэътибор **“нест”,**

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 26-уми апрели соли 2025 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** дар мавзуи **«Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295), комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент Ҳамробоев Н.А.

**26.04.2025с.**